ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ, сеюм-таҳия ва тасдиқи моделҳои пешниҳодшуда дар ду воҳиди зерсохторҳои донишгоҳҳо, ки принсипҳои асосии навгонии илмии диссертатсияро оид ба ташаккул ва санҷиши донишҳои ҳуқуқӣ ташкил медоданд, одатан дар парламенти донишҷӯён ва ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва сифатҳои шахсияти муваффақ бошад, бо назардошти системаи лоиҳакашии педагогӣ дар биржаи меҳнати донишҷӯён ҳал карда шаванд.

Ҷадвали 1. Тақсимоти маълумот аз рӯйи натиҷаҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ва арзёбии интихоби мақсадҳои дидактикии тарбияи ахлоқиву ҳуқуқии хатмкунандагони МТОК

Соли назорат ва озмоиш	Гурӯҳҳои назоратӣ, меъёрҳо 1-9 ва фоизи тақсимоти посухҳо дар дараҷаи баҳогузории С+, В-, В, В+, А-, А (холи миёна)									Гурӯҳҳои озмоишӣ, меъёрҳо 1-9 ва фоизи тақсимоти посухҳо дар дараҷаи баҳогузории С+, В-, В, В+, А-, А (холи миёна)								
	I	II	III	IV	V	VI	VII	VIII	IX	I	II	III	IV	V	VI	VII	VIII	IX
2018 1.49	27	29	25	29	25	27	34	32	38	40	44	36	44	36	40	52	48	56
2019 1.51	34	31	37	39	38	31	38	38	41	52	48	56	60	56	48	56	56	60
2020 1.54	26	37	41	53	41	33	44	43	45	40	56	60	80	60	52	68	64	72
2021 1.59	31	42	36	49	43	52	51	50	47	48	68	56	76	68	80	84	76	80

Таҳлили дараҷаҳо ва муайян кардани аҳамияти таъсири ҳар як омил ҳамчун унсури системасози расидан ба мақсад имкон дод, ки аз таснифоти шартии навбатии интихоби мақсадҳои дидактикии технологияи педагогии тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии донишҷӯён- мутахассисони оянда ТПТА (ПТНП), ки муносибати мусбати онҳоро ба ҷомеа, меҳнат, одамон дар вазъиятҳои гуногуни тағйироти зиндагӣ дар бар мегиранд (ПТНП – самти якум – ПН-1), мавқеи фаъоли ҳаётӣ (ПН2); тамоюли шахсияти донишҷӯ ба субъектҳои раванди таълим –талаботи онҳо, сабабҳо, манфиатҳо, идеалҳо, самтҳои арзишӣ (ПН-3); сатҳи баланди тафаккури ҳуқуқии донишҷӯён (ПН-4); дараҷаи баланди ахлоқ (ПН-5); дараҷаи баланди шуури шаҳрвандӣ, рафтор (ПН-6); тафаккури созанда ва рафтори донишҷӯён (ПН-7); дараҷаи баланди фарҳангӣ, шаклу воситаҳои маънавию ахлоқии хештангаройӣ ва худинкишофдиҳии донишҷӯён (ПН-8); мудирияти вақт ва муваффақият дар раванди омӯзиши интихоби самтҳои таълим, пешравӣ дар мансаб, худтаҳлилкунӣ(интроспексия) ва худтарҳрезӣ дар шароити ҳаракати касбӣ барои шуғли рақобатӣ (ПН-9) ва дигар роҳу воситаҳои технологияҳои педагогӣ, ки тағйироти мавҷударо дар марҳилаҳои гуногуни таҳсилот, шуғл ва амаликунии ихтисоси интихобшуда ба таври кофӣ инъикос мекунанд, таҳия, санҷида ва эътимоднокии натиҷаҳо муайян карда шаванд.

Дар давраи аз соли 2018 то соли 2022 пайваста дар ҳар як марҳилаи таҳия ва татбиқи технологияҳои педагогии дар боло зикршуда (ПН-1 – ПН-9) масъалаҳои омодагии касбии ҳайати омӯзгорон дар заминаи фаъолияти

инноватсионии муаассисаи таҳсилоти олӣ аз ҷиҳати мувофикати онҳо ба талаботи кор дар шароити модели салоҳиятнокӣ в фаъоли таълим, инчунин вазифаҳое, ки ҷихати ҷорӣ намудани принципҳои асосии тарбияи ахлокӣ ва хуқуқиро дар бар гирифта, мазмунан вазифаҳои мақсаднок ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияро инъикос мекарданд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ин ҳама имкон дод, ки сисилаи технологияҳои педагогӣ оид ба тарбияи ахлокӣ ва ҳуқуқии хатмкунандагони ояндаи муассисаи таҳсилоти олӣ бо назардошти самарабахшии онҳо дар амалия таҳия ва татбиқ карда шаванд.(Расми 4-динамикаи мусбии маҷмӯи салоҳиятҳои касбии омӯзгоронро аз нуқтаи назари тарҳрезии педагогӣ ва самарабахшии ҳадафҳои таҳқиқот инъикос менамояд).



Расми 4. Мониторинги мунтазами баҳодиҳии самаранокӣ, пешгӯии омодагии касбии ҳайати омӯзгорон дар татбиқи технологияҳои педагогӣ дар МТОК

Аз мониторинги мунтазами арзёбии самаранокӣ, пешгӯии омодагии касбии ҳайати омӯзгорон дар ҷорӣ намудани технологияҳои педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бармеояд, ки онҳо дар таҷрибаи ибтидоӣ (2018) ва дар марҳилаи анҷомёбӣ (2022) дар самаранокии ғояҳои ба миён гузошташуда, фарзияҳо, навоварии илмӣ ва арзиши амалии таҳқиқот динамикаи мусбӣ нишон доданд.

Барои ҳар як технологияи педагогии таҳияшуда алгоритми инфиродӣ бо дарназардошти талаботи далелҳои воҳидҳои сохтории донишгоҳ дар робита бо системаҳои тағйирёбандаи кадрҳо ва қобилияти тарҳрезӣ, пешгӯии таъсири омилҳои эҳтимолӣ оид ба ташаккули принсипҳои ҳаётии идеалҳои ахлоқӣ ва тафаккури ҳуқуқии хатмкунандагони оянда дар рақобатпазирии бозори меҳнат таҳия шудааст. Зимнан, дар назар дошта шудааст, ки мазмуну моҳияти тарбияи ахлоқию ҳуқуқии мутахассисони оянда бояд на танҳо донишҳоро роҷеъ ба асосҳои ташаккули интеллект, балки қобилияти ошкор намудани истеъдод ва қобилияти зеҳнии ҳар як шахсро дар шароити мутобикшавии муносиб ба кору зиндагӣ, қобилияти таҳлил, ба низом даровардан, пешгӯйӣ кардан, амалӣ гардондани лоиҳа ва дигар хислатҳои муҳими шахсиятро низ дар бар гирад.

ХУЛОСА

Дар анҷоми таҳқиқоти дар боло овардашуда мо хулоса ва ҷамъбасти зеринро ироа кардем:

1. Бори аввал самарабахшӣ ва ва пешгӯии технологияҳои инноватсионии педагогӣ барои тарбияи ахлоқию ҳуқуқии мутахассисони оянда, аз ҷумла ташаккули асоси ахлоқи шахс, ки дар асоси принсипҳо ва системаҳои тарбияи тарҳрезии педагогӣ бо дарки афзалиятҳои ташаккули идеалҳои ахлоқӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ барои худамаликунии муваффақ дар ҳаёт ба роҳ монда шудаанд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардиданд [2].

2. Дар раванди таҳлили муқоисавии ақидаҳои мухталифи педагогӣ, равишҳо, моделҳо ва системаву технологияҳои муосири таълим, проблемаҳои тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии мутахассисони оянда дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ ва ба низом дароварда шуда, дар ин асос мубрамияти мавзуи рисола, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва омодагии хатмкунандагони оянда оид ба пешгӯйӣ ва банақшагирии рушди касбият дар муҳити рақобат нигаронида шудааст, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва тасдиқ карда шуданд [1], [3].

3. Модели бисёрвариантаи муаллифии фаъолияти донишҷӯ-хатмкунандаи ояндаи муассисаи таҳсилоти олӣ бо назардошти неруи зеҳнӣ ва эҷодӣ коркард гардида, дар асоси он хусусияти синну соли психофизиологии хатмкунандаи оянда бо назардошти ҳуқуқ барои интихоби усули худамалисозӣ, талаботи ахлоқӣ, худтакмилдиҳии маънавӣ, таълим ва омодагӣ ба фаъолият дар шароити амалисозии донишҳои ҳуқуқии худ ва васеъ шудани имкониятҳои муассисаи таҳсилоти олӣ ва талаботи бозори меҳнат ба назар гирифта шудааст [4].

4. Дар асоси таҷриба ва таҳлили тамоюлҳои асосии такмили назария ва амалияи илми педагогикаи касбӣ ва ташаккули шахсият принсипҳои асосии тартиб додани модели «асоси ахлоқ» коркард гардида, дар асоси он принсипҳои тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқии хатмкунандагони оянда бо назардошти ноил шудан ба ҳадафҳои идоракунии самараноки вақт ва муваффақият дар ҳаёт таҳия шудаанд [2].

5. Бо назардошти интихоби мақсадҳои асосии дидактикии назария ва амалияи таҳсилоти касбӣ, ки дар асоси синтези системаҳои педагогӣ ва осори педагогии ватанию хориҷӣ, мероси ниёгон амалӣ мегардад ва талаботи замонавии шахсият бо истифода аз нерӯ, бозиҳои корӣ, маҳфилҳои баҳсу мусоҳиба ва дигар роҳу воситаҳои муайян инкишоф додан ва амалӣ намудани фаъолияти мустақилонаи эҷодии мутахассисони оянда дар раванди таълим ба роҳ монда шуд [1], [3].

6. Барои ба даст овардани натиҷаи система ва арзёбии самарабахшии фарзияҳои пешниҳодшуда, арзёбии эътимоднокии натиҷаҳо истифодаи системаи аналогии бисёрченака барои фаъолияти парламенти донишҷӯён ва биржаи донишҷӯён ҷиҳати ташаккули

донишҳои ҳуқуқӣ бо назардошти вижагиҳои мутобиқшавии донишҷӯ ба талаботи муассисаи олии таҳсилотӣ, тарҳрезии оянда дар муҳити амнияти иттилоотӣ, таҳияи модели рушди худинкишофдиҳӣ бо назардошти таҳдидҳои мавҷуда дар муҳити иҷтимоӣ, ки ба ахлоқ ва дигар сифатҳои муҳими шахсияте, ки дар «минтақаи хатари таъсир»-и омилҳои гуногун, аз қабили майл ба мутаассибӣ ва тасдиқи арзишҳои дигарон ва ғайра қарор дорад,ба роҳ монда шуд [4].

7. Бори аввал силсилаи технологияҳои педагогӣ оид ба тарбияи ахлоқию ҳуқуқии хатмкунандагони оянда, аз ҷумла ихтисосҳои ғайриҳуқуқӣ бо мақсади стратегияи ташаккули донишҳои умумӣ ва махсус дар бораи хударзёбӣ ва худтаҳлилкунӣ дар интихоби арзишҳо, қобилияти таҳияи кодекси ахлоқу одоб, тарҳрезии оянда таҳия, татбиқ ва самаранокии онҳо собит шудааст [2].

8. Таъсири система ва ташкили раванди таълим бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, назарияи моделсозӣ ва пешгӯйӣ бо иштироки корфармоён, хатмкунандагони оянда ва марказҳои худинкишофдиҳӣ бо назардошти мутобиқшавӣ дар муҳити зудтағйирёбандаи иҷтимоӣ ва худинкишофдиҳии хатмкунандагони оянда аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва исбот карда шудаанд [4], [3].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:

Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ба мо имкон медиҳад, ки тавсияҳои зеринро таҳия кунем:

- тарбияи ахлоқию ҳуқуқӣ дар муҳити инноватсионии донишгоҳ бояд аз нуқтаи назари низомнокӣ дар асоси ҳамгироии мундариҷа, иқтидори технологӣ ва идоракунии МТОК бо назардошти тағйироти ҷомеа дар муҳити донишҷӯён дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷорӣ карда шавад;

- технологияҳои педагогии тарбияи ахлоқию ҳуқуқии донишҷӯён дар муҳити инноватсионии МТОК бояд бо назардошти тафовутҳои равонӣ, усул ва воситаҳои худинкишофдиҳии донишҷӯ дар ҳайати гурӯҳҳои хурду калон, дар заминаи афзалияти худрушдкунӣ ва интихоби стратегияҳои зиндагӣ амалӣ карда шаванд;

- ҳангоми интихоби мақсадҳои дидактикии тарбияи ахлоқию ҳуқуқии хонандагон хусусиятҳои мутобиқсозӣ ва ба низом даровардани дониш оид ба ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ нисбат ба талаботи ҷомеа ва худинкишофдиҳии хатмкунандагони оянда ба инобат гирифта шаванд;

-мӯҳтаво ва вазифаҳои мақсадноки тарбияи ахлоқию ҳуқуқии донишҷӯён хусусияти тағйирёбандаи худамалисозии фаъолияти касбӣ ва мусоидати ҷомеаи иттилоотиро ба инобат гирад;

- дар раванди татбиқи технологияҳои педагогии тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии донишҷӯён дар ҷараёни худбаҳодиҳӣ ва интихоби шартҳои

дастовардҳо ноил шудан ба мақсадҳоро бояд бо назардошти аломатҳои ба ҷомеа таҳдидкунанда ва ихтисоси интихобгардида ба инобат гирифт.

Албатта, дар таҳқиқоти мазкур даъвои онро надорем, ки бо назардошти равишҳои гуногунранг ва тағйирёбанда мо дар тарбияи ахлоқию ҳуқуқии хатмкунандагони оянда дар шароити муосир ҳадафманд мегардем.

Ҳамзамон, аз тарафи мо силсилаи озмоишҳо гузаронида шуда, ҷустҷӯйи адабиёти дахлдор ва асоснок кардани мавзуъ бо назардошти натиҷаҳои бадастомада, ки аз навоварии илмӣ ва асолати таҳқиқот дарак медиҳанд, арзёбии қобили қабул будани натиҷахои бадастомада дар таҷрибаи педагогӣ анҷом дода шуд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва ҳалли масъалаҳои амалии тарбияи ахлоқию ҳуқуқии мутахассисони ояндаи тахассусҳои ғайрипедагогӣ ҳамчун асосҳои назариявӣ хизмат кунанд, аз ҷумла:

- барои таҳия ва татбиқи моделҳо, системаҳо ва навовариҳои педагогии тарбияи ахлоқию ҳуқуқии хатмкунандагони ояндаи муҳити инноватсионии МТОК;

- барои ҷустуҷӯи усулҳо ва технологияҳои нави идоракунии МТОК дар заминаи татбиқи усулҳои тағйирёбандаи ноил шудан ба мақсад, ташаккули шахсият ҳангоми интихоби стратегияи зиндагӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи татбиқи донишҳои ҳуқуқӣ бо назардошти муносибатҳои ахлоқии шахсият;

- барои интихоби асосноксозӣ ва ба низом даровардани иқтидори таълим, фанҳои омӯзишӣ, ҳамкории мутақобила дар муҳити инноватсионии МТОК, дар робита бо ҷомеа, корфармоён, таъсиси моҳияти «ташкилотҳои таълимӣ» бо мақсади ноил гардидан ба амнияти иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;

- бораи инкишофи минбаъдаи назарияи тарбияи ахлоқию ҳуқуқӣ ва навсозии таҳсилоти олӣ.

МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

а) Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:

[1-М] Джорубов Ф.Ф. Теоретико-методологические основы формирования правовой культуры студентов в инновационной среде Вуза [Текст] / Ф.Ф. Джорубов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. - №6. – С. 294-297. ISSN 2074-1847

[2-М] Ҷорубов Ф.Ф. Асосҳои назариявӣ-педагогии ташакулли тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва эҷодии донишҷӯён дар шароити инноватсионии

мактабҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Ф. Ҷорубов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. - №8. – С. 298-301. ISSN 2074-1847

[3-М] Ҷорубов Ф.Ф. Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён дар муҳити инноватсионии макотиби олӣ [Матн] / Ф.Ф. Ҷорубов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №10. – С. 293-296. ISSN 2074-1847

[4-М] Ҷорубов Ф.Ф. Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанг ва ҷанбаҳои асосии инкишофи тарбияи ахлоқӣ, зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯён [Матн] / Ф.Ф. Ҷорубов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №9. – С. 306-311. ISSN 2074-1847

б). Мақола ва маводи илмӣ-методии дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар батабърасида:

[5-М] Ҷорубов Ф.Ф. Нақши Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа [Матн] / Ф.Ф. Ҷорубов // Донишгоҳи давлатии Данғара. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. – 2021. - №4. – С. 191-198. ISSN 2789-8636

[6-М] Ҷорубов Ф.Ф. Нақши биржаи озоди меҳнат дар ташаккули таълиму тарбияи донишҷӯён [Матн] / Ф.Ф. Ҷорубов // Донишгоҳи давлатии Данғара. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. – 2022. - №4(04). – С. 100-105. ISSN 2789-8636

[7-М] Ҷорубов Ф.Ф., Муродов Б., Қураева М., Алиев С., Муродов А., Баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён ва чавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Донишгоҳи давлатии Данғара // Маҷмуаи маводи Форуми илмии умумидонишгоҳии «Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ», 20 марти соли 2020. - С. 128-133.

[8-М] Ҷорубов Ф.Ф., Шоҳиён Н.Н., Тоирзода С.Т., Алимов Н.О. Бозиҳои расмии касбӣ ва фаъолгардонии ҷараёни таълим дар фазои инноватсионии таҳсилот. Дастури методӣ. – Душанбе, 2022. – 268 с.

АННОТАЦИЯ

на диссертацию Джорубова Фахриддина Файзиддиновича на тему «Педагогические технологии нравственно-правового воспитания будущих специалистов в инновационной среде вуза» на соискание ученой степени кандидата наук по специальности: 13.00.08 – Теория и методика профессионального образования (13.00.08.04 – Теория и методика гуманитарных дисциплин)

Ключевые слова: педагогическая технология, нравственно-правовое воспитание, сравнительно-сопоставительный анализ, регульятивы, профессиональная подготовка, моделирование, проектирование, студенческий парламент, студенческая свободная биржа труда по формированию правовых знаний.

В диссертационном исследовании подвергнуты рассмотрению и анализу педагогические технологии нравственно-правового воспитания будущих специалистов в инновационной среде вуза, на основе сравнительно-сопоставительного анализа в области теории и практики общей и профессиональной педагогики по сущностным основам развития человека, научно-методологических основ по теории моделирования, педагогического проектирования изучено состояние проблемы нравственно-правового воспитания студентов-будущих специалистов в инновационной среде вуза, в результате чего определены системные регульятивы, технологии и современные методы прогностики и диагностики по достижению данной цели.

Автором диссертационной работы, также исследованы системообразующий потенциал инновационных моделей, системы и технологии, способствующее нравственно-правовому воспитанию будущих специалистов в инновационной среде вуза, выявлены системные регулятивы и критерии показателей формирования личности будущего специалиста в процессе внедрения новых моделей и систем по нравственно-правовому воспитанию студентов на основе внесения в систему управления вузам адекватные по сущности проверки надежности полученных результатов, на основе организации и функционирования студенческого парламента и студенческой биржи труда по формированию успешных личностей к адекватной адаптации в условиях динамический изменяющихся процессов в условиях глобализации.

Автором диссертационного исследования в процессе изучения, исследования и проведения опытно-экспериментальных работ разработаны модульные системы и прогнозные системы учёта внешних и внутренних факторов в условиях глобализации на формирование жизненных идеалов и учет этих факторов особенности в условиях самореализации и целевых задач нравственного возвышения индивида в условиях снижения этических норм в сознании и поведение людей; разработана и проверена эффективность и прогнозируемость серии педагогических технологий по нравственно-правовому формированию будущих выпускников с использованием и взаимовлиянием всех структурных подразделении вуза и субъектов учебно-воспитательного процесса, а также выбора сравнительных типологических систем, основанных на определение специально смоделированных функциональных задач студенческого парламента и биржи труда по формированию правовых знаний, нравственных императив и самосовершенствованию будущих специалистов.

В диссертации доказана валидность полученных результатов, прогнозируемость, результативность и эффективность серии разработанных педагогических технологии нравственно-правовое воспитание будущих выпускников с использование рангового анализа адекватно, отражающих объективную необходимость в единовременном повышении интеллектуального общекультурного уровня в условиях глобализации.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Ҷорӯбов Фахриддин Файзиддинович дар мавзуи «Технологияҳои педагогиии тарбияи маънавӣ-ҳуқуқии мутахассисони оянда дар муҳити инноватсионнии муассисаи таҳсилоти олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Калидвожаҳо: технологияи педагогӣ, тарбияи ахлоқию ҳуқуқӣ, қоидаҳои рафтор, таҳлили муқоисавӣ, тайёрии касбӣ, амсиласозӣ, тарҳрезӣ, парламенти донишҷӯён, биржаи меҳнати донишҷӯён.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ технологияҳои педагогиии тарбияи маънавӣ-ҳуқуқии мутахассисони оянда дар муҳити инноватсионнии муассисаи таҳсилоти олӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор ёфта, дар асоси таҳлили муқоисавӣ дар самти назария ва амалияи педагогикаи умумӣ ва касбӣ масоили асосҳои муҳими рушди инсон, заминаҳои илмию методологӣ оид ба назарияи амсиласозӣ, лоиҳакашии педагогӣ, вазъи проблемаи тарбияи ахлоқию ҳуқуқӣ дар муҳити инноватсионии муассисаи таҳсилоти олӣ, сатҳи дониши донишҷӯён-мутахассисони оянда мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст ва дар ниҳоят қоидаҳои рафтори системавӣ, технология ва усулҳои муосири пешгӯию ташхис барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо муайян карда шудаанд.

Муаллифи диссертатсия, инчунин, неруи асосии амсила, низом ва технологияҳои инноватсиониро, ки ба тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии мутахассисони оянда дар муҳити инноватсионии донишгоҳ мусоидат мекунанд, омӯхта, регулятиви системавӣ ва меъёри нишондиҳандаҳои ташаккули шахсияти мутахассиси оянда дар раванди ҷорӣ намудани амсилаву низомҳои нави тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии донишҷӯён дар заминаи ҷорӣ намудани низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олиро, ки аз ҷиҳати моҳиятан дурустии натиҷаҳои бадастомада мавриди озмоиш қарор дода мешавад, дар асоси ташкил ва фаъолияти парламенти донишҷӯён ва биржаи меҳнати донишҷӯён барои ташаккули шахсияти муваффақ ҷиҳати мутобиқшавии муносиб дар шароити равандҳои вусъатёббанда дар шароити ҷаҳонишавӣ ошкор карда шудааст.

Дар баробари ин, муаллиф дар раванди омӯзиш, таҳқиқ ва гузаронидани корҳои озмоишӣ системаҳои модулӣ ва пешгӯиро бо назардошти омилҳои берунӣ ва дохилӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, бахусус, аз нигоҳи худшиносӣ ва ҳадафҳои болоравии ахлоқи шахсият дар заминаи коҳиши меъёрҳои ахлоқӣ дар шуур ва рафтори одамон; самаранокӣ ва пешгӯии як силсила технологияҳои педагогӣ барои ташаккули ахлоқӣ ва ҳуқуқии донишҷӯён-мутахассисони ояндаро бо истифода ва таъсири мутақобилаи тамоми воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва субъектҳои раванди таълим, инчунин интихоби системаҳои муқоисавии типологиро дар асоси муайян намудани вазифаҳои махсуси намунавии парламенти студентон ва биржаи мехнат оид ба ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ, талаботи ахлоқӣ ва худтакмилдиҳии мутахассисони ояндаро ҷиҳати ташаккули идеалҳои ҳаётӣ ва бо назардошти ин омилҳо ошкор кардааст.

Дар диссертатсия асоснокиии натиҷаҳои бадастомада, пешгӯӣ, таъсирнокӣ ва самаранокии як қатор технологияҳои педагогии таҳияшуда барои тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии хатмкунандагони оянда дар шароити ҷаҳонишавӣ собит шудаст.

ANNOTATION

for the dissertation of Dzhorubov Fakhriddin Fayziddinovich on the topic «Pedagogical technologies of moral and legal education of future specialists in the innovative environment of the university» for the degree of candidate of sciences in the specialty: 13.00.08 – Theory and methodology of vocational education (13.00.08.04 – Theory and methodology of the humanities)

Key words: pedagogical technology, moral and legal education, comparative analysis, regulations, professional training, modeling, design, student parliament, student labor exchange.

In the dissertation research, the pedagogical technologies of the moral and legal education of future specialists in the innovative environment of the university are reviewed and analyzed, based on a comparative analysis in the field of theory and practice of general and professional pedagogy on the essential foundations of human development, scientific and methodological foundations on the theory of modeling, pedagogical design, the state of the problem of moral and legal education of students-future specialists in the innovative environment of the university was studied, as a result of which systemic regulations, technologies and modern methods of prognostication and diagnostics were determined to achieve this goal.

The author of the dissertation also explored the backbone potential of innovative models, systems and technologies that contribute to the moral and legal education of future specialists in the innovative environment of the university, identified systemic regulators and criteria for indicators of the formation of the personality of a future specialist in the process of introducing new models and systems for the moral and legal education of students on the basis of introducing into the management system of universities adequate in essence verification of the reliability of the results obtained, on the basis of the organization and functioning of the student parliament and the student labor exchange to form successful personalities for adequate adaptation in the context of dynamically changing processes in the context of globalization.

The author of the dissertation research, in the process of studying, researching and conducting experimental work, developed modular systems and predictive systems for taking into account external and internal factors in the context of globalization for the formation of life ideals and taking into account these factors, especially in terms of self-realization and targets for the moral elevation of the individual in the context of a decrease in ethical norms in the minds and behavior of people; developed and tested the effectiveness and predictability of a series of pedagogical technologies for the moral and legal formation of future graduates using and mutual influence of all structural units of the university and subjects of the educational process, as well as the choice of comparative typological systems based on the definition of specially modeled functional tasks of the student parliament and the labor exchange on the formation of legal knowledge, moral imperatives and self-improvement of future specialists.

The dissertation proves the validity of the results obtained, the predictability, effectiveness and efficiency of a series of developed pedagogical technologies for the moral and legal education of future graduates using rank analysis adequately, reflecting the objective need for a one-time increase in the intellectual general cultural level in the context of globalization.